**№1009/13.1 аз 31.01.2014**

Мақомоти ҳудудии андоз

“**Андоз аз истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ**”

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти Шумо мерасонад, ки вахъи пардохти андоз ва маъмурикунони дар самти истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ аз тарафи мақомоти ҳудудӣ дар сатҳи паст қарор дорад.

Тибқи маълумотҳои дастрасгардида аз мақомотҳои ҳудудии андоз дар соли 2013 нишон дод, ки камбудиҳо ва норасогиҳое, ки дар давраҳои 3,6 ва 9- моҳаи соли ҷори ба вуҷуд омада буданд, дар семоҳаи 4-ми соли ҷори низ такрор ёфта ислоҳ нашудаанд.

Дар соли 2013 шумораи ширкат ва субектҳои хоҷагидор, ки ҳамчун истихроҷкунандагони канданиҳои фоиданок фаъолият карданд 526 ададро ташкил менамоянд.

Дар соли 2013 нақшаи андоз аз истифодабарандагонӣ захираҳои табиӣ дар ҳаҷми 123,2 млн. сомонӣ муқаррар шуда, иҷроиши он ба андозаи 102,4 % таъмин гардида, ҳаҷми воридот 126,1 млн. сомониро ташкил намуд, ки ин назар ба нақша 2,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Вазни қиёсии андоз дар ҳаҷми умумии воридоти андозҳо 2,2 фоизро ташкил намудааст, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,1 фоиз зиёд мебошад, ҳол он ки сарчашмаҳо барои барзиёд иҷро намудани нақшаи ин намуди андоз зиёд мебошад.

Тибқи маълумотҳои аз мақомоти андоз дар намуди ҳисоботҳо дастрасгардида шумораи истифодабарандагони захираҳои табии дар Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 65 ададро ташкил менамояд. Аммо андози пардохтгардида дар соли ҷори 1261,1 ҳазор сомониро ташкил менамояд, ки ин барои ҳар як корхона дар як моҳ малағи 1617 сомонӣ андоз аз истифодабарандагони табиӣ рост меояд.

Дар ноҳияи Ҳисор шумораи истифодабарандагони захираҳои табии 48 ададро ташкил намуда, пардохт дар як моҳ малағи 266 сомонӣ андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ рост меояд.

Дар ноҳияи Шаҳринав шумораи истифодабарандагони захираҳои табии 10 ададро ташкил намуда, пардохт дар як моҳ малағи 483 сомонӣ андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ рост меояд.

Дар шаҳри Исфара шумораи истифодабарандагони захираҳои табии 20 ададро ташкил намуда, пардохт дар як моҳ малағи 12500 сомонӣ андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ рост меояд.

Дар шаҳри Қайроқум шумораи истифодабарандагони захираҳои табии 13 ададро ташкил намуда, пардохт дар як моҳ малағи 972 сомонӣ андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ рост меояд.

Дар ноҳияи Конибодом шумораи истифодабарандагони захираҳои табии 11 ададро ташкил намуда, пардохт дар як моҳ малағи 1070 сомонӣ андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ рост меояд.

Дар шаҳри Истаравшан шумораи истифодабарандагони захираҳои табии 32 ададро ташкил намуда, пардохт дар як моҳ малағи 591 сомонӣ андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ рост меояд.

Дар ноҳияи Б.Ғафуров шумораи истифодабарандагони захираҳои табии 55 ададро ташкил намуда, пардохт дар як моҳ малағи 879 сомонӣ андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ рост меояд.

Дар ноҳияи Ҳамадонии вилояти Хатлон шумораи истифодабарандагони захираҳои табии 10 ададро ташкил намуда, пардохт дар як моҳ малағи 1221 сомонӣ андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ рост меояд.

Дар ноҳияи Сарбанд шумораи истифодабарандагони захираҳои табии 14 ададро ташкил намуда, пардохт дар як моҳ малағи 1327 сомонӣ андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ рост меояд.

Дар тамоми Нозиротҳои андоз, ки дар онҳо истихроҷкунандагони хок ба қайд гирифта шудаанд, манбаи андозбандӣ аз истихроҷи хок нишон дода шудааст, ҳол он ки мувофиқи моддаи 235 Кодекси андоз манбаи андози роялти барои истихроҷ дар давраи андози аз нархи таҳвил ва дар ҳолати набудани таҳвил аз маҳсулоти моли якуми аз каданиҳои фоиданоки истихроҷшуда гирифта мешавад. Истихроҷкунандагони қум ва шағал бошанд, манбаи андозбандиро аз омехтаи қуму шағал (баласт) гирифта, нишон додаанд, ҳол он ки тибқи маълумотҳои мақомоти салоҳиятдор фуруши 1м3 қуму шағал зиёда аз 50 сомониро ташкил медиҳад, аз ин лиҳоз маблағҳои ҳисоб ва пардохташудаи андози мазкур рақами ночизро ташкил менамояд, ва маҳз бо ҳамин сабаб дар як қатор Нозиротҳои андоз маблағи ҳисоб ва пардохти андози мазкур маблағи ночизеро ташкил менамояд.

Хулоса камбудии мазкур дар тамоми мақомотҳои андози Ҷумҳури ба назар мерасад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 июли соли 2010, таҳти №627, ки аз 28 июли соли 2010 мавриди амал қарор гирифт, бонусҳо аз нав дар ду намуд бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратӣ барқарор карда шуд.

Ҳаҷми ҳадди ақали бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷоратӣ дар қарордод барои истифодаи қаъри замин муайян карда шуда, тартиби бастани қарордодҳои истифодаи қаъри замин, қоидаҳои муайян намудани меъёрҳои бонусҳои обунавӣ ва кашфи тиҷоратӣ ва тартиби гузаронидани экспертизаи ҳатмии андози қарордодҳо тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2011, таҳти № 426 муайян карда шудаанд.

Аз ин лиҳоз барои бастани қарордодҳо бо Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои баррасӣ ба Комиссия оид ба гузаронидани экспертизаи ҳатмии андоз дар соли 2013 дар асоси

протоколҳои №2,3,5,6 ва 7 бо 67 субъектҳои андозсупор қарордод оиди пардохт намудани бонуси обунавӣ, бонуси кашфи тиҷоратӣ ва роялти оиди иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2011, №426 дар бораи пардохт намудани бонуси обунавӣ ва бонуси кашфи тиҷорати ва роялти барои истихроҷ баста шуд. Маблағи умумии ҳисобшудаи бонуси обунавӣ тибқи ташхиси андозии гузаронида шуда 22418,6 ҳазор сомонӣ муйян карда шуд, маблағи бонуси обунавии пардохтгардида 8885,0 ҳазор сомониро ташкил намояд.

Инчунин бо як қатор истифодабарандагони қаъри замин қарордод оиди пардохт намудани бонуси обунавӣ баста шудааст лекин бо сабаҳои номаълум иҷрои қарордоди басташуда дар бораи пардохти бонуси обунавӣ то ин ҷониб ба иҷро расонида нашудааст. Оиди иҷрои супориши мазкур бо тарзи хатти ва телефони яккатор роҳбарияти мақомоти ҳудудии андоз хабардор карда шуда буданд.

Аз ҷумла, бо КВД "Қитъаоти Душанбегии роҳ" (мутассади Иброҳимов Мирмуҳамад), ки дар қайди Нозироти андози н. Шаҳринав мебошад ба маблағи 40000 сомонӣ , ҶДММ Фирдавс-Аҳмадшо (Зинатов Ҳайдар)– 40000 сомонӣ ва ҶСК "Сангғалт" (РаҶабов Холмурод)- **2835750 сомонӣ,** н. Варзоб, ҶДММ "Мадад" (Рафиев Тоҳир)- **313220,4 сомонӣ,** н. Ҳамадонӣ, ҶДММ Суғдсемент" (Оқилов Фарзон)-120000 сомонӣ н. Мастчоҳ қарордод баста шудааст, вале то имруз пардохти онҳо бо сабабҳои бемасъулиятии шахсони муттасади ба анҷом расонида нашудааст.

Аз тарафи мутахассисони Кумитаи андоз оиди пардохти бонуси обунавӣ дар ҶДММ “Хуаксин Ғаюр Семент” ва ҶДММ “Пакрут” ки то ҳоло бо мақомотҳои дахлдор қарордод набастаанд тибқи талаботи моддаи 225 Кодекси андоз корҳои фаҳмондадиҳи гузаронида шуда бонуси обунавӣ ба маблағҳои 16,3 млн сомонӣ ва 44,2 млн сомонӣ муайян карда шуд. Аз маблағи бонуси обунавии муайяшуда 2,7 млн сомонӣ аз ҳисоб ҶДММ “Хуаксин Ғаюр Семент” ва 5,3 млн сомонӣ аз ҳисоби ҶДММ “Пакрут” ба буҷети дахлдор пардохт карда шуд.

Субъектҳои хоҷагидоре вуҷуд дорад, ки иҷозатнома оиди истифодабарии захираҳои табииро солҳои 2010, 2011, 2012 ва 2013 соҳиб шудаанд аммо то ин ҷониб бо мақомоти салоҳиятдор қарордод набастаанд, гарчанде, ки мақомотҳои андоз оиди ҷалб намудани онҳо барои бастани қарордод огоҳонида шуда бошандҳам то ин ҷониб чораҷӯи карда нашудааст.

Далелҳои овардашуда сабаби ба буҷет ворид нашудани пардохти бонусҳо гашта, дар баробари ин таъсири манфии худро ба таъмини сифатнокии иҷроиши нақшаи ҷамъоварии андозҳои мақомоти андоз расонида истодаанд.

Тибқи банди 1 моддаи 225 Кодекси андоз барои пардохт намудани бонуси обунавӣ ду мӯҳлат муайян карда шудааст:

Якум ба назардошти он, ки ҳаҷми бонуси обунавӣ дар қарордод муайян карда мешавад пардохти аввалин аз ҷониби худи

истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ муайян карда шуда пардохт карда мешавад.

Ҳаҷми дуюми бонуси обунавӣ дар қарордод муайян карда мешавад, бинобар ин истифодабарандаи сарватҳои зеризаминӣ пардохти дуюмро дар ҳаҷми дар қарордод муайян карда шуда бо тарҳи пардохти аввала муайян намуда маблағи муқарраршударо дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ баъд аз санаи эътибор пайдо кардани қарордод дар бораи истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ ба анҷом мерасонад.

Оиди бартараф намудани камбудиҳои дар боло қайдгардида ба ҳар як истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ огоҳинома ирсол карда шуд. Мақомоти андоз вазифадор карда мешаванд, ки иҷрои онҳоро таҳти назорати қатъи қарор дода, вориди бонуси обунавиро ба буҷети дахлдор таъмин намоянд. Баракси ҳол роҳбарияти мақомоти андоз ва мутасаддиёни корхонаҳои мазкур ба ҷавобгарии интизоми кашида мешаванд.

(Маълумот дар бораи маблағҳои тахмин ҳисобшуда оиди бонуси обунавӣ замима мегардад).

Тибқи маълумотҳои аз барномаҳои СИА дастрасгардида дар тамоми ҳудуди ноҳияҳои Ҷумҳури истифодабарандагони қаъри замин вуҷуд дорад, аммо бо сабабҳои номаълум нақшаи андоз аз истифодабарандагони иқаъри замин дар он ноҳияҳо ба инобат гирифта нашудааст. (ноҳияҳои Ховалинг, Шуробод, Бохтар, Ҷиликул ва Шаҳритус). Инчунин дар як қатор ноҳияҳо гарчанде, ки шумораи истифодабарандагони қаъри замин хеле зиёд мебошанд нақшаи андоз аз истифодабарандагони қаъри замин ночиз муайян карда шудааст. (шаҳри Исфара, ноҳияҳои Рӯдаки, Ҳисор, Ваҳдат, Сарбанд, Ҳамадонӣ ва Ховалинг).

Бояд қайд кард, ки дар ноҳияи Ховалинг 3 корхонаҳое фаъолият менамоянд, ки ба истихроҷи тиллои пошхурда машғул мебошанд, аммо андозҳои ҳисобшуда ва пардохшудаи онҳо маблағи ночизеро ташкил менамоянд.

Ҳисоботҳо оиди андоз аз истифодабарандагонӣ захираҳои табиии барои соли 2013 қисман аз тарафи Нозиротҳои андоз пешниҳод нагардидаанд, аз ҷумла:

Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе, н. Шаҳринав, н.Турсунзода, н. Ҳисор н. Роғун, н. Файзобод, н. Рашт, Тавилдара, ва ВМБК.

Ҳисобот аз тарафи Раёсати андоз дар вилоти Хатлон дар соли 2013 саривакт пешниҳод гардида бошад ҳам, аммо дар ҳисоботи пешниҳодгардида қисман маълумотҳо дарҷ карда намешавад, аз ҷумла дар ноҳияи Ҳамадони маълумот бо таври сифри нишон дода шудааст, аммо дар варақаи дар бораи маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудае, ки аз барномаи СИА дастрас карда шуд, андозҳои ҳисобшуда 42,7 ҳазор сомонӣ ва пардохтшуда маблағи 11,5 ҳазор сомонӣ нишон дода шудааст.

Мушкилоти асосӣ дар самти дуруст ҳисобу сарвақт пардохт намудани ин намуди андоз беаҳамияти кормандони мақомоти андоз ва набудани мутасадии андози мазкур дар Нозиротҳои андоз мебошад.

Тибқи маълумотҳои дастрасгардида шахси муттадсади барои назорати андоз аз истифодабарандагони захираҳои табии дар мақомотҳои андоз тез-тез иваз карда мешаванд ва бо он нафароне, ки оиди тартиби ҳисоб ва пардохти андози мазкур корҳои фаҳмондадиҳи гузаронида мешавад, ба дигар андоз вобаста карда шудаанд. Инчунин корхонаҳое, ки истифодабарандагони қаъри замин ба ҳисоб мераванд мутасаддии онҳо аз 5 то 6 нафарро ташкил менамояд,  нафароне, ки дар Нозиротҳои андоз ҳамчун мутассадии андоз аз истифодабарандагони қаъри замин ба ҳисоб мераванд вазифаи онҳо фақат аз ҷамъоварии маълумотҳо ва пешниҳоди ҳисобот дар муҳлати 3 моҳ ба Кумитаи андоз мебошад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, мақомоти андоз вазифадор карда мешаванд, ки оиди ислоҳ намудани камбудиҳои ҷойдошта чораҳои қатъии зеринро андешанд.

1. Иҷрои қарордодҳои қаблан басташуда бо истифодабарандагони қаъри замин оиди пардохт намудани бонуси обунавӣ таъмин карда шаванд.

2. Пардохти маблағҳои дар ташкилотҳои ба мактуби мазкур замимагардида таъмин карда шуда, барои бастани қарордод, бо мақомоти салоҳиятдор сафарбар карда шаванд. Баракси ҳол фаъолияти онҳо тибқи банди 3 моддаи 221 Кодекси андоз каът карда шуда, рӯихати номгуи онҳо барои ба гурӯҳи корхонаҳои бемасъулият дохил кардан ба Кумитаи андоз пешниҳод карда шаванд.

3. Огоҳномаҳо таҳти назорати қати қарор дода шаванд, пардохти маблағҳои бонуси обунавӣ таъмин карда шаванд.

4. Ҳисоботҳо оиди андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ дар муҳлати муайяншуда пешниҳод карда шавад.

5. Тибқи фармони мақомоти андоз мутусаддии арзанда оиди андоз аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ таъин карда шуда корхонаҳое, ки истихроҷкунандагони захираҳои табиӣ ба ҳисоб мераванд ба мутасаддии андози мазкур вобаста карда шавад.

Оиди корҳои анҷомдодашуда ва ислоҳ намудани камбудиҳои дар боло қайдгардида ба Кумитаи андоз то санаи 20.02.2014 маълумоти хаттӣ пешниҳод намоед.

Замима: дар ҳаҷми 4 варақ

Раис Н.Давлатов